163206



НАШРИЁТИ „МАОРИФ“

ДУШАНБЕ—1978



# САНДУҚЧАИ ЗУЛБИЁ

Государственная
респуб. библ. Тад.ССР
им. А. Фирдоуси
163706 Тоҷиқ2

Ба чоп тайёркунанда
Б. Шермуҳаммадов

Рассом В. Манин







## УВОРӢ

Увориё, уворӣ,
Майдон пури ҷуворӣ.
Ҷуворӣ хазон шудаст,
Қурбоққа калон шудаст.
Э қурбоққаи нақшин,
Лаби ҳавзи мо бишин,
Саҳар хезу «қур-қур» кун,
Хоби келина дур кун!



## САРАК-САРАК

Сарак-сарак сароша,
Ҳалқекои тиллоша,
Ӯрдак барад пароша,
Дадеш чиҳо биёрад?
Куртаи кимхо биёрад,
Инаша пӯшад, мезебад,
Ваяша пӯшад, мезебад.
Сарак-сарак сароша,
Ӯрдак барад пароша.
Дадеш чиҳо биёрад?
Себи ширин биёрад,
Гӯшти биқин биёрад.
Сарак-сарак сароша,
Ӯрдак барад пароша.



## МУШАК

Мушак-мушак, дандон бидеҳ,
Хирмани гул, майдон бидеҳ.
Гандум бидеҳ, кӯчӣ кунам,
Ордак бидеҳ, кулча кунам.
Тухмак бидеҳ, дандон кунам,
Дандонаки сандон кунам.
Чормағз бидеҳ, чақ-чақ кунам,
Писта бидеҳ, чиқ-чиқ кунам.



## ШУТУРИ ҚАЗОҚӢ

Шутури қазоқӣ,
Полон ироқӣ,
Хӯрҷин тароқӣ,
Зону ямоқӣ!
Чашмаш ойнача,
Пояш лаълича,
Думаш ҷорӯбча,
Пӯсташ чорукча.
Лабаш тавора,
Шикам нағора.



## БУЗАК

Ҳаво, ҳаво, ист, ист,
Бузи калам нест, нест.
Бузи калам дар айлоқ,
Ҳайфи хурмаҳои қоқ.
Бузи калам дар бармол,
Тори сараш сафедмол.
Боло мерам, меғӯтам,
Поён мерам, меғӯтам.
Ҳайфи корсон қурутам.
Калбузаки нобудам.

## РӮБОҲ БУРДАСТ

Мурғаки ман сафед буд,
Катакаш таги бед буд.
Мурғаки ман куланг буд,
Пои чапаш ланг буд.
Мурғаки ман хушпар буд,
Параш пари кафтар буд,
Аз кӯча ёбад дона,
Як донаю сад дона,
Ба чӯҷаякош медод,
Чӯҷаякони хушзот.
Як саҳар хестам, кофтам,
Мурғакама наёфтам,
Чанд хонаю дар рафтам,
Поёнаки ҷар рафтам.
Даруни ғора кофтам,
Парҳои мурғак ёфтам.
Рӯбоҳ, туро банд кунам,
Пояката ланг кунам.
Дигар накунӣ ҳавас
Хӯрдани мурғаки кас.







## ЯК ДАРЗА

Як дарза даравидам,
Ду дарза даравидам.
Овозаке шунидам,
Овозаки кӣ бошад?
Овозаки Хадича,
Остинаш пури кулча,
Кулча куҷо мебарад?
Пеши бобо мебарад?



## БОЙЧЕЧАК

Бойчечаку бойчечак,
Гули хушрӯи химчак.
Бойчечак, бойчечак.
Бойчечак омад луччак,
Тамошо кун келинчак.
Бойчечак, бойчечак.
Бойчечаки ҳисорӣ,
Танга, тилло, ҷуворӣ.
Бойчечак, бойчечак.
Бойчечак калон шудаст,
Пешопеш равон шудаст.
Бойчечак, бойчечак.
Эй холаи хонадор,
Ҳар чӣ мехоҳӣ, барор.
Бойчечак, бойчечак.
Таги остона ғур-ғур,
Хонаи мо ба нон пур.
Бойчечак, бойчечак.
Таги остона дутор,
Будем ба баҳор хумор.
Бойчечак, бойчечак.
Бӯи баҳор бойчечак,
Муждаи кор бойчечак.
Бойчечак, бойчечак.





## СОЛИ НАВ

**Лайлак омадаст дина,**
**Дар ҳавлии Одина.**
**Одина хамир кардаст,**
**Келинаш фатир кардаст.**
**Ҳезумаш камӣ кардаст,**
**Камтарак камӣ кардаст.**
**Бобош ба ҳезум рафтаст,**
**Арғамчина гум кардаст.**
**Арғамчин дар боғи мо,**
**Себи сурх анори мо.**
**Себи сурхи оташин,**
**Гул баромад аз замин.**
**Аввали фасли баҳор**
**Аз сари шохи чинор,**
**Ду лайлаки қайроқбоз,**
**Мехонад ба як овоз:**
**Соли нав муборак бод!**
**Соли нав муборак бод!**

## СЕ ДУХТАРАКОН

Се духтаракон будем,
Лолачинакон будем.
Давидему давидем,
Ба ҷӯи нав расидем.
Ҷӯи нава обаш нест,
Дугонема хобаш нест.
Як хол дорад дугонем,
Ду хол дорад дугонем.
Се сол боз надидем,
Чӣ ҳол дорад дугонем?



## ДАСТЬЁРИ ДОДО

Додо, калонак шудаям,
Кӯчадавонак шудаям.
Китобхонак шудаям.
Додо, ба ман китоб харед,
Додо, мана мактаб баред.
Додо, манам дилсӯзатон,
Ҷомаю камзӯлдӯзатон,
Хурсандии ҳаррӯзатон.
Додо, ба ман дафтар харед.
Додо, мана мактаб баред.





## ДАРВОЗА НИГИН ДОРАД

Ҳо частаму ҳо частам,
Рӯмолчаба нон бастам.
Айни бибиҷон рафтам,
Гӯгирдаша гум кардам,
Аловаша пуф кардам.
Дидам таги дарвоза
Ду духтари пурғоза,
Мӯйҳоша вачаб кардам
Андар таги дарвоза.
Дарвоза нигин дорад,
Қулфи мармарин дорад.



## ШАБПАРӢ

— Шабпариё, шабпарӣ,
Манро куҷо мебарӣ?
— Шаҳри калон мебарам,
Кафши калон мехарам.
— Ҷамолаке, ҷамолак,
Аз они кӣ, Камолак?
— Ҷамолаки Гулпарӣ,
Кокулакош ҳайдарӣ.
Рафтам таги дӯлона,
— Биё, — гуфтам, — дугона!
Як коса шир овардам,
Нону панир овардам.



## ХАДИЧА

Хадичамоҳ, Хадича,
Рӯмолат пури кулча.
Кулча куҷо мебарӣ?
Хонаи мо мебарӣ?
Ба шутурҳо бор кун,
Корвони қатор кун.
Хешакоро хабар кун,
Бегонаро бадар кун.





## ҶАЙРА

Ҷайра баромад дар адир,
Дар даҳони ҷайра фатир,
Бобома кардаст ҷазир.

Ҷайра баромад тохта,
Ҳар хоракаш сих сохта,
Дар сари ҷайра нӯхта.

Ҷайра тарсонд калбуза,
Сайри полиз то рӯза,
Бобо, чӣ шуд харбуза?



## ОФТОБ БАРОМАД

Офтоб баромад ба олам,
Рафтам ҳавлии холам.
Холам гуфт:—Ҷони ширин.
Камтарак ҳезум бичин.
Аз боғу майдону тал
Ҳезум чидам як бағал.
Холаҷонам фатир кард,
Кулчаҳои башир кард.

## ПИШӢ, ТУ КУҶО АЛЛА?

— Пишӣ, пишӣ, лолой ту,
Мошони мо бобои ту.
Аз кӯча гаштанҳои ту
Чоруқ намонд дар пои ту.
Саг пуштаки дар хуфта,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Рӯбоҳ ба шикор рафта,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Токдон ғур-ғури шамол,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Бомак ғарами пахол,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Танӯрак, пури алов,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Ҷӯяк шилдираси об,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Дари мушхона алла,
Таги остона алла.



## Мундаричa


Уворӣ . . . . . . . . . . 5
Сарак-сарак . . . . . . . . 6
Мушак . . . . . . . . . . 7
Шутури қазоқӣ . . . . . . 8
Бузак . . . . . . . . . . 9
Мурғакам рӯбоҳ бурдаст . . 10
Як дарза . . . . . . . . . 11
Бойчечак . . . . . . . . . 12
Соли нав . . . . . . . . . 13
Се духтаракон . . . . . . 14
Дастъёри додо . . . . . . 15
Дарвоза нигин дорад . . . 16
Шабпарӣ . . . . . . . . . 17
Хадича . . . . . . . . . . 18
Ҷайра . . . . . . . . . . 19
Офтоб баромад . . . . . . 20
Пишак ту куҷо алла? . . . 21



ИБ № 273

© Нашриёти «Маориф», 1978.

163206
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Барои бачагони синни томактабӣ

# Сундучок

*(На таджикском языке)*

Муҳаррир *Бобо Ҳоҷӣ*
Муҳаррири ороиш *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *Т. Любицкая*
Мусаҳҳеҳ *А. Бердиев*

Ба матбаа 6/VI-77 супорида шуд. Ба чопаш 8/II-78 имзо карда шуд. Коғази № 1. Формати 60×90[1]/[8]. Ҷузъи чопӣ 3. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4,29. Адади нашр 100000. Супориши № 1416. Нархаш 35 тин.

Нашриёти «Маориф», кӯчаи Айнӣ, 126.
Комбинати полиграфии Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, хиёбони Ленин, 37.



Н 43

Сандуқчаи зулбиё. Ба чоп тайёркунанда В. Шермуҳаммадов. (Барои бачагони синни томактабӣ). Душанбе, «Маориф», 1978.

Дар ин маҷмӯа таронаҳои шӯхи халқӣ гирд оварда шудаанд, ки дар тарбияи эстетикии кӯдакон роли калон мебозанд.

Ф тоҷик

Сундучок.

Н $\frac{70801-351}{М504(13)-77}$ 128 - 78